«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор,
Насриддинзода Э. С.
_______________________
«___» __________ соли 2026

## ХУЛОСАИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ) дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Сухроби Мирзоалӣ** соли 2005 факултети журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси журналистикаи байналхалқӣ хатм карда, аз соли 2005 то соли 2010 ҳамчун ассистенти кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва аз соли 2010 то 2022 ҳамчун дотсенти кафедраи мазкур фаъолият намудааст. Сухроби Мирзоалӣ аз соли 2005 то 2007 шуъбаи ғоибонаи аспирантура ва аз соли 2022 то соли 2025 зинаи докторантураро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба итмом расонидааст. Аз моҳи сентябри соли 2025 ба ҳайси дотсенти кафедраи мазкур кор карда истодааст.

Соли 2007 рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Фаъолияти хабаргузориҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли ИРНА ва РИА «Новости»)» таҳти роҳбарии профессор Асадулло Саъдуллоев дар шурои диссертатсионии Д 737.004.03 ҳимоя намудааст.

Мушовири илмии Суҳроби Мирзоалӣ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муқимов Муҳамадӣ Аминович мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Суҳроби Мирзоалӣ дар шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30.06.2022, қарори №12 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Суҳроби Мирзоалӣ 9-уми апрели соли 2026, таҳти №103 дар бораи хатми докторантура маълумотнома додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия ба омӯзиши журналистикаи байналхалқии тоҷик, пайдоиш, марҳилаҳои рушд ва хусусияту равандҳои муосири он бахшида шудааст. Таҳқиқи пайдоиш, ташаккули журналистикаи байналхалқии тоҷик, вижагиҳо ва дурнамои он дар таъйини ҷойгоҳи журналистикаи байналхалқӣ мусоидат менамояд. Баҳсҳои алоқаманд ба масъалаҳои мазкур дар муайян

кардани вазъи журналистикаи байналхалқӣ, мушкилоти соҳа ва таҳаввулоти он дорои аҳаммияти назарию амалӣ мебошад. Махсусиятҳои журналистикаи байналхалқии тоҷик аз давраи пайдоиш то имрӯз дар натиҷаи омӯзиши зарурии чунин масъалаҳо муайян мегардад.

Аз ин рӯ, омӯзиши журналистикаи байналхалқӣ ҳамчун як бахши журналистика аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Воситаҳои ахбори оммаи байналхалқӣ ҳамчун як бахши алоҳидаи журналистика аз миёнаҳои асри XIX таъсис ёфта, дар миёнаҳои асри XX рушд намуда, дар асри XXI бо таъсири рушди техника ва технологияи рақамӣ дигаргун гардид. Журналистикаи байналхалқӣ ҳамқадами замон буда, воқеият ва авзои байналхалқиро инъикос менамояд ва ба шаклгирии афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсир мерасонад. Ин таъсиргузорӣ тавассути воситаҳои ахбори оммаи байналхалқии кишварҳои абарқудрат, созмонҳои байналхалқӣ, кишварҳои алоҳида ва расонаҳои этникӣ амалӣ мегардад. Дар ин замина, воситаҳои ахбори оммаи байналхалқии абарқудратҳо ва созмонҳои байналхалқӣ нақши бештар доранд, зеро дар чунин навъи расонаҳо имконияти таъсиррасонаӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ васеътар аст. Дар ҳамин ҳол кишварҳои алоҳида ба таъсиси расонаҳои байналхалқӣ ва тақвият додани бахшҳои хориҷии онҳо дар ин самт талош доранд. Дар ҳақиқат, таҳқиқи журналистикаи байналхалқӣ, муайян кардани мушкилоти соҳа, баррасии ҳолат ва дурнамои журналистикаи байналхалқии тоҷикро, ки дар ин диссертатсия пажуҳиш шудааст, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳими ҳалталаб дар журналистикаи тоҷик ба ҳисоб меравад.

Мавзуи таҳқиқ аз он ҷиҳат мубрам аст, ки то имрӯз оид ба журналистикаи байналхалқии тоҷик пажӯҳиши мукаммал сурат нагирифтааст. Журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистон аз ВАО-и байналхалқии кишварҳои хориҷӣ ва журналистикаи байналхалқии ватанӣ иборат аст. Асоси журналистикаи байналхалқии ватаниро намояндагии миллии Ширкати байнидавлатии радио ва телевизиони «Мир», радиои «Овози тоҷик» ва шабакаи телевизионии «Ҷаҳоннамо» ташкил медиҳанд. Як хусусияти муҳимми диссертатсияи мазкур дар он аст, ки дар заминаи он нақши ВАО-и байналхалқӣ дар муаррифии кишварҳо ба таври ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст.

Таҳқиқи журналистикаи байналхалқии тоҷик барои муайян кардани таҳаввулоти соҳа **аз аҳаммияти хосса** бархурдор аст. Ҳалли масоили зикргардида ҳам дар пажуҳиши журналистикаи байналхалқӣ ва ҳам хусусиятҳои воситаҳои ахбори оммаи байналхалқӣ **актуалӣ** буда, тасаввуроти умумӣ дар бораи рушди журналистикаи байналхалқӣ дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ дар сурате комил мешавад, ки фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ, ҷанбаҳои касбию эҷодӣ ва шинохти журналистикаи байналхалқӣ ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирад.

Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба журналистикаи байналхалқии тоҷик дар фазои иттилоотӣ бо такя ба **равишҳои муосири таҳқиқ** иқдоми саривақтӣ ва аз ҷиҳати **назариявию амалӣ арзишманд** мебошад.

Дар диссертатсия бори нахуст масъалаи махсусият, равандҳо ва дурнамои журналистикаи байналхалқии тоҷик, нақши ВАО-и байналхалқӣ дар муаррифии Тоҷикистон ба таври густурда мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, ҳамчунин ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи мавриди таҳқиқ ва ҳаллу фасли масъалаҳои зерин аз ҳадафҳои меҳварии таҳқик ба шумор меравад:

– таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ, ҳолат ва равандҳои журналистикаи байналхалқӣ;

– баррасии проблемаҳои муосири журналистикаи байналхалқӣ ва таҳқиқи ҷойгоҳи ВАО-и байналхалқӣ дар замони муосир;

– муайян кардани таърихи пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалқӣ дар олам ва Тоҷикистон;

– баррасии нақши ВАО-и байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон;

– муайян намудани нақши ВАО-и байналхалқӣ дар мубориэаҳои иттилоотӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ;

– баррасии вижагиҳои радиошунавонии байналхалқӣ барои тоҷикон ва форсизабонон;

– таҳлили фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ дар Тоҷикистон ва муайян намудани вижагиҳои инъикос ва таҳлили рӯйдодҳои байналхалқӣ дар ВАО-и тоҷик.

Мавзуи «Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ **мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои таҳқикро** зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла, таърих, муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсатшиносӣ ва ғайра **татбиқ кардан мумкин аст.**

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми феврали соли 2025, №114 тасдиқ шудааст, **мутобиқат мекунад**. Илова бар ин, ба маводди диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни журналистикаи байналхалқӣ, омӯзиши ВАО-и байналхалқӣ ва мавзуъҳои алоқаманд бо таҳқиқоти илмӣ метавон такя кард.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар пажуҳиши масъалаҳои асосию фаръии диссертатсия ба он машаххас мешавад, ки самтҳои асосии таҳқиқ пешниҳод гардида, фарзияҳои пажуҳиш муайян ва асоснок шудаанд. Муаллифи диссертатсия доир ба журналистикаи байналхалқии тоҷик дар марҳилаи рушди технологияҳои иртиботӣ ва мубориэаҳои иттилоотӣ, баррасии баҳсҳо доир ба нақши журналистикаи байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи мусбати давлат, инъикоси масъалаҳои миллӣ ва равобити байналхалқӣ дар журналистикаи байналхалқӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо бо мақсади мушаххас сохтани он, ки то куҷо радиоҳои байналхалқӣ барои форсизабонон ва тоҷикон тарғибот мебаранд андешаҳои илмиашро асосноку далелнок пешниҳод намудааст. Гузоришу

маърузаҳои илмии муҳаққиқ дар маҳфилҳо, конференсияҳои илмӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳои илмӣ, ҳамчунин диссертатсияи пешниҳодшуда ва мақолаҳои илмии ба табъ расонидашуда саҳми шахсии муаллифро дар анҷоми таҳқиқи мазкур ба таври возеҳ тасдиқ менамоянд. Таҳқиқоти анҷомёфта маҳсули фаъолияти бисту яксолаи илмии муаллиф буда, дар ниҳоят дар шакли як диссертатсияи мукаммал ҷамъбаст гардидааст.

**Тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Доир ба мухтавои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқ муаллиф дар 5 конфронси байналхалқӣ (2010-2025), 10 конфронси ҷумҳуриявӣ (2016-2025) ва конфронҳои донишгоҳӣ ва семинарҳои илмӣ (2005-2025) маърӯзаҳо хондааст. Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳоду баррасӣ шудаанд.

Ба сифати **сарчашмаҳои таҳқиқ**, пеш аз ҳама, аз асарҳои ба таърихи журналистика бахшидашуда, нусхаҳои рӯзномаи “Бухорои шариф”, маводди ВАО-и ватанӣ ва байналхалқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва маводи конфронсҳои илмӣ истифода шудаанд. Манбаъҳои ёвар асарҳои илмӣ-таҳқиқие мебошанд, ки аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ оид ба журналистикаи байналхалқӣ таълифшуда, дар онҳо перомуни расонаҳои байналхалқии тоҷикӣ ва форсӣ ишораҳо ҷой доранд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** таҳқиқ ба он мушаххас мешавад, ки дар таълифи диссертатсия аз таҷрибаи таҳқиқии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ба монандӣ А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, М. Муқимов, М. Муродӣ, Ҷ. Саъдуллоев, М. Абдуллозода, А. Азимов, Ш. Муллоев, З. Муъминҷонов, М. Б. Ҳошимзода (А. Кудбиддинов), Н. Бозорзода, Қ. Мухторӣ, С. Гулов, Қ. Шарифзода, А. Г. Беспалова, Е. П. Прохоров, В. В. Ворошилов, С. Г. Корконосенко, С. А. Михайлов, Я. Н. Засурский, В. В. Орлова, А. С. Пую, С. Б. Никонов, Б. Л. Залесский, Е. Ф. Конев, В. Кевин, Р. Замит ва дигарон ба таври васеъ истифода ва истинод шудааст.

Диссертатсия дар асоси методҳои таҳқиқоти назариявӣ, муқоисавӣ, таърихӣ, мантиқӣ, индуктивӣ, дедуктивӣ, диалектикӣ, равиши низомнок, таҳлил ва ҷамъбаст, тарҷид ва умумиятдиҳӣ навишта шудааст.

**Нововарии диссертатсия.** Диссертатсия аввалин таҳқиқоти фарогири монографӣ дар журналистика аст, ки дар мавзуи “Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо” таълиф шудааст. Дар он шинохт, пайдоиш, марҳилаҳои ташаккули журналистикаи байналхалқӣ, тасниф ва проблемаҳои журналистикаи байналхалқии муосир муайян шуда, нақши журналистикаи байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи мусбати давлат ва миллат мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки баҳсҳои аслии таҳқикро ташкил медиҳанд. Инчунин муаллиф муаррифии имконоти сайёҳии Тоҷикистон дар ВАО-и байналхалқӣ, таҳлили ҳолат ва дурнамои журналистикаи байналхалқии тоҷик, вазъи журналистикаи байналхалқӣ дар Тоҷикистон ва махсусияти инъикос ва таҳлили авзои олам барои аудиторияи тоҷикро ба таври васеъ омӯхта, хулосаҳои илмии хешро манзури муҳаққиқон кардааст.

Дар диссертатсия бори аввал ба таври низомманд ба масъалаҳои алоқаманд ба шинохти журналистикаи байналхалқӣ, таҳаввулоти соҳа, проблемаҳои журналистикаи байналхалқӣ, пайдоиш ва ташаккули журналистикаи байналхалқӣ баррасии имиҷи Тоҷикистон дар расонаҳои байналхалқӣ, мазмуну мундариҷаи маводи ВАО-и байналхалқӣ ва дигар масъалаҳои зарурӣ диққати асосӣ дода шуда, бо фарогирии фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ, типологияи радиоҳои форсизабон ва мушкилоти омодасозии журналистони байналхалқии оянда таҳқиқ шудааст.

Ҳамаи масоили аслӣ ва фаръии дар диссертатсия пажуҳишгашта муҳимму зарурӣ ва дорои **арзиши илмии вежа** буда, аз аҳаммияти назарӣ ва амалӣ бархурдоранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии** диссертатсияи доктории Суҳроби Мирзоалӣ дар он зоҳир мегардад, ки коркардҳои назарии дар диссертатсия баррасишуда, масоили фарогирифта дар ҷузъҳои таркибии диссертатсия, равишҳои таҳқиқоти журналистикаи байналхалқиро дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои журналистикаи байналхалқӣ, фаъолияти ВАО-и байналхалқӣ, хусусиятҳои жанрию муҳтавоии расонаҳои байналхалқӣ, вижагиҳои касби журналистикаи байналхалқӣ густариш дода, дар такмили назари таҳқиқӣ оид ба журналистикаи байналхалқии тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон саҳми муносиб хоҳад гузошт. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқ дар муайян намудани равандҳо ва дурнамои журналистикаи байналхалқӣ ва вижагиҳои он ҳамчун маводди назариявӣ аҳаммияти хосса доранд.

Натиҷаву хулосаҳои илмии ҳосилшуда дар диссертатсия дар амалияи илми журналистикаи тоҷик ҳангоми пажуҳиши журналистикаи байналхалқӣ, фаъолияти расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар Тоҷикистон, табақабандии ВАО-и байналхалқӣ, таҳқиқи баррасии масъалаҳои глобалӣ дар журналистикаи байналхалқӣ арзиши муҳим доранд. Ҳамзамон, мавзуи диссертатсия бо назардошти талаботи замони муосир ва бо такя ба таҳлили вазъи сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии даврони соҳибистиқлолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки чунин муносибати таҳқиқотӣ ва натиҷагириҳо дар журналистикаи байналмилалӣ хеле мубрам маҳсуб меёбад.

Маводди фароҳамомада дар диссертатсия ва хулосаву пешниҳодҳои муаллифро дар вақти навиштани мақола, таълифи монография, навиштани китобҳои дарсӣ, таълифи васоиту дастури таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, омода намудани курси лексияҳо доир ба журналистикаи байналхалқӣ, таҳқиқи паҳлуҳои омӯхтанашудаи журналистикаи байналхалқии тоҷик ва муайян намудани ҷойгоҳи ВАО-и байналхалқӣ дар фазои иттилоотии кишвар мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсияи** Суҳроби Мирзоалӣ дар 1 монография, 1 дастури таълимӣ, 37 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маҷаллаҳои илмии Русия ва 14 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ва маводди конфронсҳо ба табъ расидаанд, ки теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи

автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ робитаи мустақим дошта, **муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферат ро инъикос менамоянд.** Рӯйхати интишороти ба табърасидаи муҳаққиқ чунин аст:

### I. Монография ва дастури таълимӣ

[1-М]. Мирзоалӣ, С. Хабар: аз Машриқ то ба Мағриб [Матн]: монография / С. Мирзоалӣ. –Душанбе, 2009. – 196 с.

[2-М]. Мирзоалӣ, С. Журналистикаи байналхалқӣ дар замони муосир [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2018. – 92 с.

### II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[3-М]. Мирзоали, С. СМИ Таджикистана в условиях глобальной информации [Электронный ресурс] / С. Мирзоали // Медиа. Информация. Коммуникация: международный электрон. научно-образов. журн. – М., 2014. – № 11. [Электроный рессурс] / С. Мирзоали // Режим доступа: URL: http://mic.org.ru/new/351-smi-tadzhikis

[4-М]. Мирзоалӣ, С. ВАО-и Тоҷикистон дар шароити глобализатсияи иттилоот [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе, 2015. – № 4/3(167). – С. 251-255.

[5-М]. Мирзоалӣ, С.Пайдоиш ва ташаккули агентиҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе, 2015. – № 4/4 (171). – С. 281-285.

[6-М]. Мирзоалӣ, С. Инъикоси воқеоти байналхалқӣ дар Телевизиони «Сафина» [Матн] / С. Мирзоалӣ, С. Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе, 2015. – № 4/5 (174). – С. 272-276.

[7-М]. Мирзоалӣ, С. «Пирамидаи каҷ» ва усулҳои идоракунии шуур дар фаъолияти агентиҳои иттилоотӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/1(195). – С. 277-280.

[8-М]. Мирзоали, С. Из истории появления и формирования частных информагентств в Таджикистане [Текст] / С. Мирзоали // Вестник Таджикского национального университета. Серия филология. – Душанбе, 2016. – № 4/2(199). – С. 287- 290.

[9-М]. Мирзоалӣ, С. Ғалати факт ва хатои услубӣ дар матнҳои расонаӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ, Қ. Мухторӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ – Душанбе, 2017. – № 4/4. – С. 290-292.

[10-М]. Мирзоалӣ, С. Таҳаввулот дар журналистикаи байналхалқӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 6. – С. 269-275.

[11-М]. Мирзоалӣ, С. Баъзе вижагиҳои журналистикаи байналхалқӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 7. – С. 285-292.

[12-М]. Мирзоалӣ, С. Нақши журналистикаи байналхалқӣ дар ташаккули имиҷи мусбати давлат [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 8. – С. 234-243.

[13-М]. Мирзоалӣ, С. Ҷойгоҳи «трэвелинг-журнализм» дар журналистикаи байналхалқӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 10. – С. 288-295.

[14-М]. Мирзоалӣ, С. Заминаҳои пайдоиши журналистикаи байналхалқӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2023. – № 3 (32). – С. 28-38.

[15-М]. Мирзоалӣ, С. Нақши радиои «Овози тоҷик» дар ҳамгироии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёмномаи фарҳанг. Нашрияи илмию таҳлилӣ. – Душанбе: Аржанг, 2024. – № 3 (67). – С. 100-109.

[16-М]. Мирзоалӣ, С. «Бухорои шариф» – гаҳвораи журналистикаи байналхалқии тоҷик [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2025. – № 1 (9). – С. 105-114.

[17-М]. Мирзоалӣ, С. Муаррифии имконоти сайёҳии Тоҷикистон дар баъзе расонаҳои хориҷӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – № 2. – С. 302-311.

[18-М]. Мирзоалӣ, С. Ташаккулёбии имиҷи Тоҷикистон дар расонаҳои байналхалқӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – № 3. – С. 288-295.

[19-М]. Мирзоалӣ, С. Журналистикаи байналхалқӣ ва масъалаҳои миллӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – № 2 (115). – С. 182-189.

[20-М]. Мирзоалӣ, С. Муаррифии симои тоҷикон дар сомонаи «Спутник Тоҷикистон» [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – № 4. – С. 299-307.

[21-М]. Мирзоалӣ, С., Муқимов М.А. Ютуб – рақиб ва ё шарики ВАО-и байналхалқӣ дар набардҳои иттилоотӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ, М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – № 5. – С. 304-312.

[22-М]. Мирзоалӣ, С. Мушкилоти фазои иттилоотии байналхалқӣ ва миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ, А.Ҷ. Сангов // Паёми ДОТ, 2025. – № 5 (118). – С. 289-296.

[23-М]. Мирзоалӣ, С., Муқимов М.А. Радиоҳои байналхалқии форсизабон [Матн] / С. Мирзоалӣ, М. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – № 6. – С. 272-280.

[24-М]. Мирзоали, С. Особенности современного международного радиовещания на персидском языке // Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Филология. Журналистика. – Воронеж, 2025. – № 4. – С. 107-111.

[25-М]. Мирзоалӣ, С. Воқеият ва мизони баррасии рӯйдод дар телевизионҳои байналхалқӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ, Ҷ. Саъдуллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – № 4 (41). – С. 222-230.

**III. Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[26-М]. Мирзоалӣ, С. Иртиботи мутақобила дар ВАО-и интернетӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Замони муосир ва журналистика. (маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналхалқии илмӣ-амалии «Замони муосир ва журналистика: проблемаҳои ҳуқуқ ва озодии сухан» ДМТ, – Душанбе, 2010). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2011. – С. 86-90.

[27-М]. Мирзоалӣ, С. Истифодаи маводди ВАО-и хориҷӣ дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» [Матн] / С. Мирзоалӣ // Маводди конфренсияи илмӣ -амалии ҷумҳуриявии «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маркази тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон» (маҷӯаи мақолаҳои конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ). – Душанбе, 2013. – С. 210-214.

[28-М]. Мирзоалӣ, С. Мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти хабарнигорони хориҷӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Маводди конфронси ҷумҳуриявии илмиву амалии «Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ» ба муносибати 140-солагии Садриддин Айнӣ (13 апрели соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 169-176.

[29-М]. Мирзоалӣ, С. Мушкилоти муосири журналистикаи байналхалқӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Маводди конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ». – Душанбе, 25-26-уми ноябри с. 2019. – ДМТ, – С. 184-188.

[30-М]. Мирзоалӣ, С. Мушкилоти обӣ дар инъикоси сомонаи «Спутник Таджикистана» [Матн] / С. Мирзоалӣ // Маводди конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ». – Душанбе, 25-26-уми ноябри с. 2019. – ДМТ, – С. 34-41.

[31-М]. Мирзоалӣ, С. Баъзе масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва саводи расонаӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Маводди конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов (ш. Душанбе, 22-23 октябри соли 2020). ДМТ, 2020. - С. 308-311.

[32-М]. Мирзоалӣ, С. Фаъолияти зиддитарғиботӣ дар ҷанги иттилоотӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад: маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 20022. – С. 65-71.

[33-М]. Мирзоалӣ С. Инфографикасозӣ дар журналистикаи муосир [Матн] / С. Мирзоалӣ // Маводди конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба 35 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 90-солагии МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» ва 25-солагии кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума. – Хуҷанд, 2023. – С. 70-74.

[34-М]. Мирзоалӣ, С. Нигоҳи расонаҳои байналхалқӣ ба чорабиниҳои ҷаҳонӣ (дар мисоли ҳамоишҳои байналхалқӣ дар Душанбе) [Матн] / С. Мирзоалӣ // Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики: Материалы Международной научно-практической конференции. – Душанбе: РТСУ, 2024. – С. 189-193.

[35-М]. Мирзоалӣ, С. Барангезиши бадбинии миллӣ дар ВАО-и байналхалқӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ// Мақолаҳо аз конференсияи илмӣ-амалии байналхалқӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо» – Бохтар, 2025. – С. 63-67.

[36-М]. Мирзоалӣ, С. Вижагиҳои инъикоси авзои байналхалқӣ барои аудиторияи тоҷик [Матн] / С. Мирзоалӣ // Материалы Международной научно-практической конференции “Перспективы развития филологии, журналистики и психологопедагогических наук” 23 октября 2025г. Часть 2. – Душанбе: РТСУ, 2025. – С. 48-53.

[37-М]. Мирзоалӣ, С. Анъана ва навоварӣ дар жанрҳои журналистикаи байналхалқӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Конференсия ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои назарӣ ва амалии публитсистика тоҷик дар замони муосир». – Душанбе, 2025. – С. 318-331.

[38-М]. Мирзоалӣ, С. Махсусияти касбии журналистикаи байналхалқӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Маводди конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир» (ш. Кӯлоб, 3 майи соли 2025). – Кӯлоб: КВД Матбаа. – С. 155-159.

[39-М]. Мирзоалӣ, С. Баъзе хусусиятҳои журналистикаи байналхалқии муосир [Матн] / С. Мирзоалӣ // Конференсия ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Равандҳои муосири журналистикаи байналхалқӣ: мушкилот ва дурнамо». – Душанбе, 2025. – С. 51-60.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Суҳроби Мирзоалиро дар мавзуи **«Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият равандҳо ва дурнамо»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ) кори анҷомёфтаи илмӣ ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Суҳроби Мирзоалиро дар мавзуи **«Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият равандҳо ва дурнамо»** барои дарёфти

дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 6 аз 22.01.2026.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи байналхалқии
факултети журналистикаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон — Ҳошимзода Б. Ҳ.

**Мудири кафедра:**
номзади илмҳои филологӣ — Самадзода М. Т.

**Котиби илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқии
факултети журналистикаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон — Яқубов Ҷ. Н.

Имзоҳои Ҳошимзода Б.Ҳ., Самадзода М.Т. ва
Яқубов Ҷ.Н.-ро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Шодихонзода Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.;
факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj